**Тақризи роҳбари илмӣ**

**ба диссертатсияи Маҳмудов Давлатшоҳ Хайруллоевич дар мавзуи “Саҳми Нусратулло Махсум дар азнавсозиҳои сиёсӣ, иқтисодӣ-иҷтимоӣ ва фарҳангии Тоҷикистон дар солҳои 20-ум ва 30-юми асри XX” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.02. – Таърихи ватанӣ (таърихи халқи тоҷик). - Душанбе, 2025.**

Муаллифи диссертатсияи “Саҳми Нусратулло Махсум дар азнавсозиҳои сиёсӣ, иқтисодӣ-иҷтимоӣ ва фарҳангии Тоҷикистон дар солҳои 20-ум ва 30-юми асри XX” Маҳмудов Давлатшоҳ Хайруллоевич дар давоми якчанд соли пажуҳиши мавзуъ худро ҳамчун ҷавони эҷодкор, меҳнатдӯст ва муҳаққиқи нуктасанҷ нишон дод. Мақолаҳо илмӣ ва илмӣ-оммавии унвоҷӯ аз маҳорати эҷодӣ ва тафаккури таҳқиқии ӯ шаҳодат медиҳанд. Ҳамчун омӯзгор низ ба комёбиҳо ноил гаштааст.

Маҳмудов Д.Х. пайваста ба воситаи радиову телевизион ва мабуоти даврӣ таърихи халқи тоҷик, бахусус таърихи Тоҷикистони замони шуравӣ ва истиқлолро тарғибу ташвиқ менамояд ва дар сатҳи ҷумҳурӣ шинохта шудааст.

Довталаби дараҷаи илмӣ Маҳмудов рисолаи худро саврибақтӣ ба анҷом расонида, ҳамаи вазифаҳои дар наздаш гузошташударо ба анҷом расонид.

Мубрамияти мавзуи таҳқиқотии довталаби дараҷаи илмӣ Маҳмудов Д.Х. дар он зоҳир мешавад, ки мавзуи ҳаёт ва фаъолияти сиёсии Қаҳрамони Тоҷикистон Нусратулло Махсум, ки дар саргаҳи таъсисёбии давлатдории навини тоҷикон меистод, ҳамчун яке аз чеҳраҳои маъруфи асри XX-и Тоҷикистон ҳамеша рузмарра аст, ҳар як насли нави тоҷик бояд рӯзгори қаҳрамонони ватани хешро омӯзад ва пайгирӣ намояд. Ин мавзуъ барои баланд бардоштани ҳисси ватанпарварии узви ҷомеа заруририяти худро ҳеҷ гоҳ кам намекунад.

Мавзуи мазкур дар замони шуравӣ мавриди таҳқиқи олимон қарор надошта, танҳо баъд аз ба даст овардани истиқлолияти давлатӣ муҳаққиқон ба он рӯ овarданд.

Зарурати омӯзиши мавзуъ ба он асос меёбад, ки новобаста аз он, ки дар замони истиқлоли давлатӣ дар бораи шахсияти Нусратулло Махсум асару мақолаҳои зиёде навишта шуд, то имрӯз таҳқиқоти мукаммале, ки тамоми маълумотро як ҷо ҷамъ оварда, таҳлил намуда бошад, мавҷуд нест. Аз тарафи дигар, то ба ҳол на ҳама самтҳои фаъолияти сиёсии Н. Махсум омӯхта шудааст.

Навоварии унвонҷӯ пеш аз ҳама, дар он ифода меёбад, ки масъалаи матраҳшаванда дар асоси маводи муътамади таърихӣ баррасӣ шудааст. Зиндагиномаи Нусратулло Махсум, бо такя ба ҳуҷҷатҳои бойгонӣ ва нақлу ривоятҳои пайвандон бори аввал ба таври мукаммал шарҳ ёфтааст. Агарчанде масъалаи тақсимоти миллию ҳудудии соли 1924 ва таъсиси ҶМШС Тоҷикистон, таъсиси ҶШС Тоҷикистон дар соли 1929, бавуҷудоии ҳаракати зиддишуравӣ, навгониҳои иқтисодию иҷтимоии солҳои 20-ум ва 30-юми асри XX, раванди таъқиботи сиёсии солҳои сиюм мавзуъҳои омӯхташудаанд, аммо нақши Нусратулло Махсум дар ин асарҳо кам нишон дода шуда буд. Муаллифи диссертатсия кӯшиш ба харҷ дод, то ин норасоиҳо бартараф карда шаванд. Мо бо итминони комил гуфта метавонем, ки муаллиф дар омӯзиши ҳаёт ва фаъолияти Н. Махсум навоварии зиёд ворид намуд.

Саҳми шахсии довталаб дар он аст, ки ӯ бевосита аз сарчашмаҳои муътамади илмӣ, илмию оммавӣ, шифоҳӣ ва адабӣ истифода карда, баъди таҳлилу муқоисаҳои зиёди илмӣ таҳқиқотро анҷом додааст. Барои комил намудани мавзуи таҳқиқшаванда, инчунин ба зодгоҳи Нусратулло Махсум рафта, бо пайвандони ӯ мулоқоту суҳбатҳо ороста, бисёр тарафҳои норӯшани фаъолияти қаҳрамонро рӯшан намудааст.

Мулоҳизаҳои довталаб илман асоснок карда шудаанд ва пешниҳодҳои судманди вай метавонанд барои абадӣ намудани номи Қаҳрамони Тоҷикистон - Нусратулло Махсум саҳми ҷиддӣ гузоранд.

Натиҷаҳои ҷамъбастшудаи рисолаи мазкурро метавон ҳамчун манбаи илмӣ ва таҳқиқӣ дар таҳқиқи дигар мавзуъҳои таърихӣ, ҳангоми таҳияи барномаҳо, курси лексияҳо аз фанни таърихи халқи тоҷик ҳамчун маводи ёрирасон мавриди истифода қарор дод.

Дар давоми таҳқиқ муаллиф 13 мақола таълиф намудааст, ки 4-тои он дар нашрияҳои КОА-и Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 5 мақола дар маҷмуаҳои конференсияҳои ҷумҳуриявӣ нашр шудаанд ва муҳтавои асосии диссертатсияро ифода менамоянд.

Хулосаи муаллиф ба талаботи Комиссияи Олии Аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, диссертатсия барои ҳимояи кушод пешниҳод карда мешавад.

**Роҳбари илмӣ:**
номзади илмҳои таърих, дотсент,
ходими пешбари илмии шуъбаи таърихи
навтарини Институти таърих, бостоншиносӣ
ва мардумшиносии АМИТ **Ғафуров Абдулло Мутиллоевич**

*ш. Душанбе, х. Рудакӣ, 33*
*falgar@mail.ru*
*+992 93 565 6312*

***Тасдиқ мекунам:***
***Нозири шуъбаи кадрҳо*** **Файзуллоева Г.**

01.04.2025